# Тавзеҳот
## оид ба самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017

Нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017 дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014 таҳти рақами 1 - ф ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2017, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод шудааст, таҳия гардидааст.

Ҳангоми таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017 тамоми афзалиятҳо ва дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 бармеоянд, Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 - 2018, Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, консепсияҳо ва барномаҳои тараққиёти соҳаҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиёт пешбинӣ гардидаанд, ба назар гирифта шудааст.

Самтҳои асосии сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат ба мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати иқтисодиву иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани афзалиятҳои муҳими стратегии давлатӣ, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, бехатарии озуқаворӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти мамлакат

равона гардида, дар ин робита устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, амалӣ намудани афзалиятҳои соҳавӣ, устувории бозори молиявӣ, дар дараҷаи муайян нигоҳ доштани қарзҳои дохилӣ ва берунии давлатӣ таъмин карда мешавад.

## 1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

Ҳангоми таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, вазъи иқтисодии ҷаҳон ва кишварҳои узви ИДМ, тағйирёбии нархҳо дар бозори ҷаҳонии молию ашё ва тамоюлоти рушди соҳаҳои иқтисодиёт дар солҳои охир ба инобат гирифта шудааст.

Вобаста ба натиҷаҳои пешакии рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии дар соли ҷорӣ бадастоянда, дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар солҳои 2015-2017 аз рӯи пешниҳодҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар рақамҳои зерин ифода ёфтаанд.

| Нишондиҳандаҳо | Буҷети тасдиқшудаи соли 2014 | Дурнамо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | с. 2015 | с. 2016 | с. 2017 |
| Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (млн. сомонӣ) | 48500,0 | 52821,0 | 60078,0 | 68395,0 |
| Афзоиши ММД -и номиналӣ бо % | 15,2 | 14,1 | 13,7 | 13,8 |
| Афзоиши ММД-и реалӣ бо % | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 7,4 |
| Таваррум бо % | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,0 |
| Дефлятори ММД % | 7,1 | 6,3 | 6,2 | 6,0 |
| Қурби асъори миллӣ нисбати 1 доллари ШМА (сомонӣ) | 4,84 | 5,00 | 5,05 | 5,10 |

Дар давраи миёнамӯҳлат ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ бо афзоиши реалии на камтар аз 7,2 фоиз дар соли 2015 ба маблағи 52821,0 млн. сомонӣ, соли 2016 ба маблағи 60078,0 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 ба маблағи 68395,0 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки афзоиши миёнаи ҳарсолаи номиналии он 13,0 фоизро ташкил медиҳад.




Дар ин давра индекси дефлятор дар доираи тағйирёбии нархҳои истеҳсолӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ба инобат гирифта шуда, меъёри он дар соли 2015 – 6,3 фоиз, соли 2016 – 6,2 фоиз ва соли 2017 бошад ба андозаи 6,0 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Дар солҳои 2015 - 2017 бо дарназардошти тағйирёбии индекси нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри таваррум тибқи дурнамои Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқан ба 7,5 – 7,5 ва 7,0 фоиз ва қурби миёнаи солонаи пули миллӣ нисбати 1 доллари амрикоӣ бошад дар соли 2015 аз рӯи 5,00 сомонӣ, соли 2016 аз рӯи 5,05 сомонӣ ва соли 2017 бошад 5,10 сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2015 ба маблағи 6239,7 млн. доллари ИМА, дар соли 2016 ба маблағи 6605,3 млн. доллари ИМА ва дар соли 2017 бошад 7136,0 млн. доллари ИМА пешбинӣ гардидааст, ки афзоиши миёнаи солонаи он зиёда аз 7,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар сохтори гардиши савдои хориҷи ҳиссаи содирот ҳамасола рӯ ба афзоиш дошта, дар соли 2015 ба маблағи 1280,0 млн. доллари ИМА, дар соли 2016 ба маблағи 1370,0 млн. доллари ИМА ва дар соли 2017 ба маблағи 1473,0 млн. доллари ИМА пешбинӣ гардидааст.




Ҳаҷми воридот бошад бо афзоиши миёнаи солонаи 7,4 фоиз дар соли 2015 ба маблағи 4959,7 млн. доллари ИМА, дар соли 2016- ум 5235,3 млн. доллари ИМА ва дар соли 2017 бошад 5663,0 млн. доллари ИМА пешбинӣ гардидааст.




Қайд намудан бо маврид аст, ки дар давраи миёнамӯҳлат тарози савдо манфӣ буда, дар соли 2015 – 3680,0 млн. доллари ИМА, дар соли 2016 – 3865,3 млн. доллари ИМА ва дар соли 2017 – 4190,0 млн. долари ИМА ташкил медиҳад, ки ҳамасола воридот нисбат ба содирот тақрибан 4,0 маротиба зиёд мебошад.

**Нишондиҳандаҳои даромади Буҷети давлатӣ**

Нишондиҳандаҳои даромади Буҷети давлатӣ вобаста ба дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, рушди соҳаҳои реалии иқтисодиёт, бо дарназардошти Барномаи давлатии инвеститсионӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Дар солҳои 2015 - 2017 дар Буҷети давлатӣ ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла даромадҳои ҷорӣ, грантҳо, қарзҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ, инчунин маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ нишон дода шудаанд. Бо дарназардошти ин манбаъҳо ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ бо нишондиҳандаҳои зерин ифода мегарданд.

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 тасдиқшуда | дурнамо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | с.2015 | с.2016 | с.2017 |
| **Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ (млн. сомонӣ)** | **13901,1** | **15278,4** | **17320,8** | **18856,4** |
| ***нисбат ба ММД (бо %)*** | ***28,7*** | ***28,9*** | ***28,8*** | ***27,6*** |
| **Даромадҳои ҷорӣ бо грантҳо** | **11195,5** | **12634,2** | **14592,5** | **16359,9** |
| ***нисбат ба ММД (бо %)*** | ***23,1*** | ***23,9*** | ***24,3*** | ***23,9*** |
| **-Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ** | **1697,3** | **1838,5** | **1901,9** | **1574,6** |
| **- Қарзҳои давлатӣ** | **282,0** | **24,2** | **15,2** | **82,0** |
| **- Маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ** | **726,3** | **781,5** | **811,3** | **839,9** |

Дар соли 2015 ҳаҷми умумии даромадҳои Буҷети давлатӣ 15278,4 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбат ба соли ҷорӣ ба андозаи 9,9 фоиз ё ба маблағи 1377,3 млн.сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши Буҷети давлатӣ дар ин давра асосан аз ҳисоби даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ ба маблағи 1438,7 млн.сомонӣ ё 12,9 фоиз ва маблағҳои махсуси муассисаҳои буҷетӣ 55,2 млн. сомонӣ ё 7,6 фоиз ба вуҷуд омадааст, аз ҳисоби ҷалби грантҳо ва кредитҳо бошад он ба маблағи 116,7 млн.сомонӣ ё 5,8 фоиз кам шудааст.



## *2.1 Даромадҳои ҷории Буҷети давлатӣ ва манбаъҳои ташаккули онҳо*

Афзоиши даромадҳои ҷории Буҷети давлатӣ аз рӯи рушди воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар соли 2015 ба маблағи 12634,2 млн. сомонӣ ё 23,9 фоизи ММД, дар соли 2016- ум 14592,5 млн. сомонӣ ё 24,3 фоизи ММД ва дар соли 2017 бошад ба маблағи 16359,9 млн.сомонӣ ё 23,9 фоизи ММД дар назар дошта шудааст.

Дар давраи миёнамӯҳлат афзоиши миёнаи солонаи даромадҳои ҷории Буҷети давлатӣ 13,5 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи лоиҳаи таҳиягардида даромадҳои ҷории Буҷети давлатӣ дар соли 2015 аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

- даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ғайриандозии дохилӣ – 8233,6 млн.сомонӣ бо афзоиши 968,1 млн. сомонӣ, ё ин ки 65,7 фоизи даромадҳо ва 15,5 фоизи ММД;
- аз ҳисоби фаъолияти иқтисодии берунӣ бошад 4300,6 млн. сомонӣ бо афзоиши 500,6 млн. сомонӣ, ё ин ки 34,3 фоизи даромадҳоро ташкил мекунанд.

## *2.2 Маблағҳои махсуси ташкилот ва муассисаҳои буҷетӣ*

Маблағҳои махсуси муассиса ва ташкилотҳои буҷетӣ дар соли 2015 – 781,5 млн. сомониро ташкил медиҳанд, ки он нисбат ба соли ҷорӣ 7,6 фоиз ё 55,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад, ки ин аз устувор гардидани базаи моддӣ ва молиявии муассисаҳои буҷетӣ далолат медиҳад. Афзоиши ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда низ идома ёфта, дар соли 2016 – 811,3 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 839,9 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки рушди миёнаи солонаи он 5,0 фоизро ташкил медиҳад.

## *2.3 Лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ*

Ҳаҷми Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ бо дарназардошти қарзҳо ва грантҳо дар соли 2015 – 1862,8 млн.сомонӣ, соли 2016 – 1917,1 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 1656,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз ҷумла, қарзи Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соли 2015 ба маблағи 24,2 млн. сомонӣ, дар соли 2016 – ум 15,2 млн.сомонӣ ва

дар соли 2017 бошад – 82,0 млн.сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки сабаби кам гардидани он ба анҷом расидани лоиҳаҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки ҳаҷми маблағҳои Барномаи давлатии инвеститсионӣ дар соли 2015 - 2017 аз рӯи Стратегияи рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ пешбинӣ гардида, вобаста ба такмил ёфтани муносибатҳои молиявӣ бо онҳо ва дигар давлатҳои донор аз нав дида баромада шуда, ба он тағйиротҳои зарурӣ ворид карда мешавад.

## 3. Самтҳои асосии нишондиҳандаҳои хароҷоти Буҷети давлатӣ

Хароҷоти Буҷети давлатӣ бо назардошти даромадҳои буҷет ва дефитсити он (0,5 фоизи ММД) бо нишондиҳандаҳои зерин пешбинӣ мегардад.

| Нишондиҳандаҳо | **с.2014** | **с.2015** | **с.2016** | **с.2017** |
|---|---|---|---|---|
| | **тасдиқшуда** | **дурнамо** | | |
| **Хароҷоти умумии Буҷети давлатӣ (млн. сомонӣ)** | **14143,2** | **15542,5** | **17621,2** | **19198,4** |
| *нисбат ба ММД(бо %)* | ***29,2*** | ***29,4*** | ***29,3*** | ***28,1*** |
| **аз ҷумла:** | | | | |
| **Буҷет** | **11437,6** | **12953,8** | **14950,6** | **16791,2** |
| *нисбат ба ММД(бо %)* | ***23,6*** | ***24,5*** | ***24,9*** | ***24,5*** |
| **-Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ** | 1697,3 | 1838,5 | 1901,9 | 1574,6 |
| **- Қарзҳои давлатӣ (КХ)** | 282,0 | 24,2 | 15,2 | 82,0 |
| **- Маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ** | 726,3 | 726,0 | 753,6 | 780,6 |

Дар соли 2015 ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ бо дарназардошти маблағҳои Барномаи давлатии инвеститсионӣ, қарзи давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба маблағи 15542,5 млн.сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он нисбат ба соли ҷорӣ ба андозаи 9,9 фоиз ё ба маблағи 1399,4 млн. сомонӣ зиёд буда, ба 29,4 фоизи ММД баробар мебошад.

Афзоиши ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ дар солҳои минбаъда низ нигоҳ дошта шуда, афзоиши миёнаи солонаи он 10,7 фоизро ташкил намуда, дар соли 2016 – 17621,2

млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 19198,4 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки мувофиқан ба 29,3 ва 28,1 фоизи ММД баробар мебошанд.

*3.1 Фосилаи фискалӣ*

Дар соли 2015 вобаста ба афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ, ҳаҷми умумии буҷети заминавӣ ва касри буҷети давлатӣ, фосилаи фискалӣ ҷиҳати маблағгузории афзалиятҳои нави буҷетӣ муайян карда шудааст.

**Фосилаи фискалӣ= Касри буҷети давлатӣ+Ҳаҷми умумии даромадҳои Буҷети давлатӣ - Ҳаҷми умумии хароҷотҳои заминавӣ;**

**Фосилаи фискалӣ = 264,1+15278,4-13623,0 =1919,5 .**

Дар ин давра фосилаи фискалӣ маблағи 1919,5 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми умумии даромадҳо нисбат ба буҷети заминавӣ 1655,4 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби касри буҷетӣ давлатӣ 264,1 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он барои маблағгузории афзалиятҳои нави буҷетии соҳаҳо ва идома доданиислоҳотҳо дар соҳаҳои буҷетӣ, инчунин пардохти қарзҳои дохилию берунии давлатӣ равона карда мешавад.

Маблағгузории афзалиятҳои нави буҷетии соҳаҳо вобаста ба афзалиятнокии онҳо, аз рӯи имкониятҳои воқеии молиявии Буҷети давлатӣ дар давраи миёнамӯҳлат муайян карда шудааст, аз ҷумла барои:

- секторӣ ҳокимият ва идораи давлатӣ – 109,1 млн.сомонӣ;
- мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - 196,9 млн.сомонӣ;
- соҳаҳои иҷтимоӣ - 810,7 млн.сомонӣ;
- соҳаҳои реалии иқтисодиёт - 194,2 млн.сомонӣ;
- дигарҳо (хизматрасонии қарзҳои дохилӣ ва берунӣ, ӯҳдадориҳои давлат дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ, захираҳо барои ислоҳоти музди меҳнат ва дигар

Фондҳои захиравии молиявии давлатӣ) - 608,6 млн.сомонӣ равона мегардад.

### *3.2 Хароҷоти ҷорӣ ва асосии Буҷети давлатӣ*

Дар соли 2015 ҳаҷми умумии хароҷоти ҷории Буҷети давлатӣ ба маблағи 12953,8 млн.сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он нисбат ба соли ҷорӣ ба андозаи 13,3 фоиз ё ба маблағи 1516,1 млн. сомонӣ зиёд буда, ба 24,5 фоизи ММД баробар мебошад.

Афзоиши ҳаҷми умумии хароҷоти ҷории Буҷети давлатӣ дар солҳои минбаъда низ нигоҳ дошта шуда, афзоиши миёнаи солонаи он 13,6 фоизро ташкил намуда, дар соли 2016 – 14950,6 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 16761,2 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки мувофиқан ба 24,9 ва 24,5 фоизи ММД баробар мебошанд.

Дар давраи миёнамӯҳлат дар Буҷети давлатӣ барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, сифати зиндагӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, ки самтҳои стратегии давлат мебошанд, диққати махсус дода шудааст.

Маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ дар давраи миёнамӯҳлат пеш аз ҳама барои маблағгузорӣ намудани сохтмон ва барқарорсозии иншоотҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла иншоотҳои энергетикӣ, коммуналӣ ва иншоотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ равона гардидааст.

Дар соли 2015 маблағгузориҳои асосии муттамаркази давлатӣ ба маблағи 3009,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли ҷорӣ 13,2 фоиз ё 350,6 млн.сомонӣ зиёд мебошад.

Дар солҳои минбаъда низ маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ бо афзоиши миёнаи солонаи 8,0 фоиз, дар соли 2016 – 3151,2 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 3333,2 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

## 4. Харочоти Бучети давлатӣ аз рӯи соҳаҳо

*4.1 Бахши ҳокимият ва идоракунии давлатӣ*

Дар соли 2015 барои маблағгузорӣ намудани сектори мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ 920,7 млн. сомонӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ пешбинӣ гардидааст, ки он нисбат ба соли 11,0 фоиз ё 91,3 млн.сомонӣ зиёд мебошад.

Самти афзалиятноки ин соҳа баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, дар асоси нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он мувофиқат мекунад, муайян карда шудааст.

*4.2 Мудофиа ва бехатарии давлат*

Дар соли 2015 барои маблағгузории секторҳои мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 1387,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли ҷорӣ 16,0 фоиз ё 191,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соҳаҳои мазкур ба афзалиятҳои зерин диққати махсус дода шудааст, аз ҷумла:

- беҳтар намудани таъминоти сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амволи махсус;
- мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*4.2 Маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ*

Дар сохтори харочотии Бучети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои ичтимоӣ бахши афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар соли 2015 барои маблағгузорӣ намудани ин соҳаҳо 7746,6 млн. сомонӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли ҷорӣ 855,1 млн. сомонӣ ё 12,4 фоиз зиёд буда, 49,8 фоизи ҳаҷми умумии харочотҳои бучети давлатӣ ва 14,7 фоизи ММД- ро ташкил мекунад. Афзоиши маблағгузории ин соҳаҳо дар солҳои минбаъда идома ёфта, дар соли 2016 – 8680,8 млн.сомонӣ ва соли 2017 бошад 9713,0 млн. сомонӣ пешбинӣ

гардидааст, ки афзоиши миёнаи солонаи он зиёда аз 12,1 фоизро ташкил мекунад.

| Нишондиҳандаҳо | Буҷети тасдиқшудаи соли 2014 | Дурнамо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | с. 2015 | 2015/ 2014 (%) | с. 2016 | 2016/ 2015 (%) | с. 2017 | 2017/ 2016 (%) |
| **Соҳаи иҷтимоӣ, ҳамагӣ: (млн. сомонӣ)** | **6891,5** | **7746,7** | 12,4 | **8680,8** | 12,1 | **9713,0** | 11,9 |
| *бо % нисбати ММД* | *14,2* | *14,7* | | *14,4* | | *14,2* | |
| *аз ҷумла:* | | | | | | | |
| **Буҷет** | **6273,1** | **7074,1** | 12,8 | **8049,0** | 13,8 | **9089,8** | 12,9 |
| *бо % нисбати ММД* | *12,9* | *13,4* | | *13,4* | | *13,3* | |
| *аз ҷумла:* | | | | | | | |
| *- Фонди музди меҳнат* | *2207,7* | *2413,2* | 9,3 | *2772,1* | 14,9 | *3082,9* | 11,2 |
| *- Хароҷоти асосӣ* | *710,4* | *853,3* | 20,6 | *850,5* | -0,3 | *882,5* | 3,8 |
| **Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ** | **137,1** | **190,3** | **38,8** | **135,0** | **-29,1** | **111,4** | **-17,5** |
| **Маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ** | **481,2** | **482,2** | **0,2** | **496,8** | **3,0** | **511,8** | **3,0** |

### *4.2.1 Соҳаи маориф*

Дар соли 2015 ҳадди ниҳоии хароҷотҳои соҳаи маориф 2918,6 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли ҷорӣ 401,8 млн. сомонӣ ё 16,0 фоиз зиёд мебошад. Маблағгузории ин соҳа, дар соли 2016 ба 3209,5 млн.сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 3576,5 млн.сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин ба 5,3 фоизи ММД баробар мебошад.

Таҳияи буҷети соҳаи маориф бо назардошти афзалиятҳои соҳавӣ таҳия гардида, дар он ба афзалиятҳои зерин диққати махсус дода шудааст:

- рушди таҳсилоти томактабӣ;
- таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи касбӣ таҷҳизотҳои таълимӣ ва кабинетҳои тахассусӣ.

### *4.2.2 Соҳаи тандурустӣ*

Хароҷоти соҳаи тандурустӣ бошад, дар соли 2015 ба маблағи 1204,5 млн.сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати соли 2014 ба маблағи 105,3 млн.сомонӣ ё 9,6 фоиз зиёд буда, дар соли 2016 ба 1438,2 млн.сомонӣ ва соли 2017 ба 1650,1 млн.сомонӣ баробар гардида, афзоиши миёнаи солонаи он 14,5 фоизро ташкил мекунад.

Дар ин соҳа сиёсати буҷетӣ ба афзалиятҳои зерин равона шудааст, аз ҷумла:

- пешгирии бемориҳои сироятӣ бо воситаи ваксинаи идорашаванда;
- мустаҳкам намудани базаи моддӣ - техникии муассисаҳои тандурустӣ.

*4.2.3 Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ*

Барои маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2015 - ум 2887,1 млн.сомонӣ, дар соли 2016-ум 3262,1 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад – 3639,3 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он ба 5,5 фоизи ММД баробар буда, афзоиши миёнаи солонаи он 10,6 фоизро ташкил мекунад.

Дар ин соҳа ба афзалиятҳои зерини дохилии соҳавӣ, диққати махсус дода шудааст:

- ислоҳоти нафақа ва таъмини саривақтии он ба аҳолӣ;
- ҷорӣ намудани низоми нави кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ, ҷиҳати беҳбудбахшии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, хусусан пиронсолону маъюбон ва кӯдакони ятиму бепарастор;
- мустаҳкам намудани базаи моддӣ - техникии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

*4.2.4 Соҳаи фарҳанг*

Дар соли 2015 маблағгузории соҳаи фарҳанг бо дарназардошти афзалиятҳои соҳавӣ, аз ҷумла ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик ба роҳ монда шуда, ҳадди ниҳоии хароҷотҳои он ба маблағи 736,5 млн.сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбати соли 2014 ба маблағи 150,2 млн.сомонӣ ё 25,6 фоиз зиёд буда, дар соли 2016-ум 771,0 млн.сомонӣ ва дар соли 2017 бошад ба маблағи 847,1 млн.сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

## 4.3 Дастгирии рушди соҳаҳои реалии иқтисодиёт

Дар соли 2015 барои соҳаҳои хизматрасонии иқтисодӣ 4285,9 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он ба 27,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷотҳои Буҷети давлатӣ ва 8,1 фоизи ММД баробар мебошад. Маблағгузории минбаъдаи онҳо дар соли 2016 ба маблағи 4631,4 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 4557,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Буҷети тасдиқшудаи соли 2014** | Дурнамо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **с. 2015** | **2015/ 2014 (%)** | **с. 2016** | **2016/ 2015 (%)** | **2017** | **2017/ 2016 (%)** |
| **Соҳаҳои хизматрасонии иқтисодӣ** | **4272,8** | **4285,9** | -0,3 | **4631,4** | 8,1 | **4557,5** | -1,6 |
| *бо % нисбати ММД* | *8,8* | *8,1* | | *7,7* | | *6,7* | |
| - ***Буҷет*** | **2463,7** | **2671,5** | 8,4 | **2916,6** | 9,2 | **3015,9** | 3,4 |
| *бо % нисбати ММД* | *5,1* | *5,1* | | *4,9* | | *4,4* | |
| *аз ҷумла:* | | | | | | | |
| - *Фонди музди меҳнат* | 115,4 | 116,8 | 1,2 | 131,1 | 12,2 | 119,6 | -8,7 |
| - *Хароҷоти асосӣ* | 1788,4 | 1919,7 | 7,4 | 2103,2 | 9,6 | 2239,1 | 6,5 |
| **Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ** | **1 500,8** | **1566,2** | **4,4** | **1674,5** | 6,9 | **1432,6** | -14,4 |
| - **Қарзи давлатӣ** | **282,0** | **24,2** | -91,4 | **15,2** | -37,4 | **82,0** | **5,4 баробар** |
| - ***Маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ*** | **26,2** | **24,0** | **-8,6** | **25,2** | 5,3 | **26,9** | 6,5 |

### *4.3.1 Соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ*

Дар соли 2015 барои маблағгузории соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ 835,7 млн. сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст, ки он 1,6 фоизи ММД - ро ташкил намуда, нисбат ба соли 2014 ба андозаи 62,0 млн. сомонӣ ё 8,0 фоиз зиёд мебошад. Маблағгузории ин соҳа дар солҳои минбаъда низ идома ёфта, дар соли 2016 ба маблағи 847,9 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 813,2 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ин соҳа афзалиятҳои асоситарин ин:

- таъмини чорабиниҳои коммуналӣ вобаста ба ободонии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва деҳот;

- беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшокӣ;

- беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист ва васеъ намудани ҳудуди майдонҳои ҷангалзор дар ҷумҳурӣ мебошанд.

### *4.3.2 Соҳаи сӯзишворию энергетика ва корҳои ҷустуҷӯӣ геологӣ*

Соҳаи энергетика яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ ҳамасола аз Буҷети давлатӣ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки маблағгузории ин соҳа дар давраи миёнамӯҳлат бо назардошти афзалиятҳои дохилӣ - соҳавӣ таҳия гардида, ҳадди ниҳоии хароҷотҳои он дар соли 2015 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 1993,1 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки он нисбат ба соли ҷорӣ ба андозаи 8,4 фоиз ё ба маблағи 154,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Маблағгузории соҳаи сӯзишворӣ ва энергетика дар соли 2016 дар ҳаҷми 2422,8 млн.сомонӣ ва дар соли 2017 бошад дар ҳаҷми 2535,9 млн.сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки он ба 3,7 фоизи ММД баробар мебошад.

Барои маблағгузории корҳои ҷустуҷӯӣ геологӣ дар соли 2015- ум 129,7 млн.сомонӣ, дар соли 2016-ум 152,6 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 170,9 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он ба 0,3 фоизи ММД баробар буда, афзоиши миёнаи солонаи он 4,8 фоизро ташкил мекунад

Ҳангоми таҳияи ҳадди ниҳоии хароҷотҳои соҳаи мазкур ба афзалияти асосии сиёсати давлат, яъне таъмини амнияти энергетикии кишвар аҳамияти махсус дода шуда, самтҳои афзалиятнок инҳо ба ҳисоб мераванд:

- сохтмон ва барқарорсозии нерӯгоҳҳои обии хурду миёна;
- корҳои ҷустуҷӯӣ геологӣ дар соҳаи нафту газ ва ангишт;
- безарар намудани партовҳои урандор ва бартараф намудани таъсири манфии он ба муҳити зист.

### *4.3.3 Комплекси агросаноатӣ*

Дар соли 2015 ҳадди ниҳоии хароҷотҳои соҳаи комплекси агросаноатӣ ба маблағи 325,7 млн.сомонӣ, дар соли 2016 ба 340,4 ва дар соли 2017 бошад ба маблағи 318,1 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар таҳияи ҳадди ниҳоии хароҷотҳои комплекси агросаноатӣ ҳамаи афзалиятҳои зерсоҳавӣ ба инобат гирифта шуда, сиёсати маблағгузории он ба самтҳои зерин, аз ҷумла

- дастгирии барномаҳои соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ;
- баланд бардоштани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва зиёд намудани заминҳои нави обёришаванда;
- барӯихатгирии заминҳои кишоварзӣ, харитасозӣ ва бо сертификат таъмин намудани аҳолӣ равона карда шудааст.

### *4.3.4 Соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия*

Маблағгузории соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия бо назардошти афзалияти асосии соҳавӣ - баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ таҳия гардида, дар соли 2015 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба андозаи 964,2 млн.сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки он дар соли 2016 – 827,5 млн.сомонӣ ва дар соли 2017-ум ба маблағи 678,3 млн.сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки камшавии ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаи мазкур аз ҳисоби қарзи давлатӣ (ЧХЧ) ба андозаи 94,5 фоиз ба вуҷуд омадааст.

Маблағгузории буҷетии ин соҳа, яъне танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дар соли 2015 ба андозаи 258,7 млн.сомонӣ бо афзоиши 8,5 фоиз нисбати соли ҷорӣ дар назар дошта шудааст, ки он дар соли 2016 ба маблағи 258,3 млн.сомонӣ ва дар соли 2017 ба маблағи 253,8 млн.сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Афзалиятҳои асоситарини соҳа дар давраи миёнамӯҳлат ин:

- сохтмон, таъмиру барқарорсозӣ ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ;

- барӯйхатгирӣ ва шаҳодатномакунонии роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ;

- беҳтар намудани базаи моддию техникии муассисаҳои роҳдорӣ ба ҳисоб мерававнд.

## 5. Хизматрасонӣ ва идоракунии қарзҳои дохилӣ ва берунии давлатӣ

Дар давраи миёнамӯҳлат барои дар сатҳи мӯътадил нигоҳ доштани қарзҳои дохилию берунӣ ва хизматрасонӣ аз рӯи онҳо маблағҳои зарурӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Буҷети давлатӣ барои соли 2015 хизматрасонии қарзи давлатӣ ба андозаи 873,1 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбати буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 45,5 млн. сомонӣ ё ин ки 6,0 фоиз зиёд мебошад.

Хизматрасонии қарзи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ дар соли 2015 ба таври зайл мебошад:

| | |
|---|---|
| *-хизматрасонии қарзи берунӣ* | *- 696,1 млн. сомонӣ;* |
| *-хизматрасонии қарзи дохилӣ* | *- 177,0 млн. сомонӣ;* |
| *Ҳамагӣ:* | *- 873,1 млн. сомонӣ* |

Дар соли 2015 дар доираи хизматрасонии қарзи берунӣ барои пардохти қарзи асосӣ 521,4 млн. сомонӣ ва барои фоизи қарз 174,7 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки дар маҷмӯъ нисбати соли 2014-ум 33,7 млн.сомонӣ ё 5,0 фоиз зиёд мебошад.

Сабаби зиёд гардидани маблағи хизматрасонии қарзи беруна ғайр аз қарзҳои пардохтшаванда ин оғоз гардидани пардохти қарзи асосии боз як қарзи Фонди Абу-Дабии Рушд, як қарзи Фонди СДСН (ОПЕК), як қарзи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва инчунин паст гардидани қурби асъори миллӣ нисбати доллари ИМА (1 доллари ИМА = 5,00 сомонӣ) мебошад.

Маблағҳои бардошти захиравӣ дар ҳаҷми 34,4 млн. сомонӣ, аз ҷумла қарзи асосӣ – 25,8 млн. сомонӣ ва фоизҳои қарз – 8,6 млн. сомонӣ, ки барои хизматрасонии қарзи берунӣ дар соли 2015 ба нақша гирифта шудаанд, ҷиҳати идоракунии хавфи фарқияти

қурби асъор ва хавфи напардохтани қарзҳои бо кафолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалбгардида равона карда мешаванд.

Инчунин, дар соли 2015 дар доираи хизматрасонии қарзи дохилӣ барои пардохти қарзи асосӣ 59,0 млн. сомонӣ ва пардохти фоизи қарз 118,0 млн.сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки дар маҷмӯъ нисбати соли ҷорӣ 11,8 млн. сомонӣ ё 7,1 фоиз зиёд мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2015 хизматрасонии векселҳои давлатӣ ба маблағи 59,0 млн.сомонӣ барои қарзи хоҷагиҳои пахтакор аз ҳисоби депозити буҷети ҷумҳуриявӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ба 1 январи соли 2014, Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисод ва 40,0 млн. сомонӣ барои сармоякунонии ҶСК "Агроинвестбонк" аз ҳисоби маблағҳое, ки ба суратҳисоб барои ҷамъоварии маблағҳои қарзҳои муаммодори ҶСК "Агроинвестбонк" дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида мешаванд, пардохт карда мешавад.

Дар соли 2016 барои хизматрасонии қарзи берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон 757,1 млн.сомонӣ, аз ҷумла пардохти қарзи асосӣ – 588,1 млн. сомонӣ ва пардохти фоизи қарз – 169,0 млн.сомонӣ ва дар соли 2017 бошад ба ҳамин мақсад 760,5 млн.сомонӣ, аз ҷумла пардохти қарзи асосӣ – 600,9 млн.сомонӣ ва пардохти фоизи қарз – 159,6 млн.сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Барои хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ҳамагӣ 180,8 млн. сомонӣ ва дар соли 2017 ба ҳамин мақсад 186,2 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

**Касри буҷет**

Дар соли 2015 барзиёдии хароҷоти буҷет нисбат ба даромад - яъне касри буҷети давлатӣ - 0,5 фоизи ММД- ро ташкил намуда, маблағи он 264,1 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Касри васеи Буҷети давлатӣ аз рӯи буҷети тасдиқгардидаи соли 2015 - ум 609,8 млн. сомонӣ ё 1,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти

дохилӣ, аз ҷумла касри ҷорӣ 264,1 млн. сомонӣ, пардохти қарзҳои берунӣ 286,7 млн. сомонӣ ва пардохти қарзҳои дохилӣ 59,0 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2016 ин нишондиҳанда 300,4 млн.сомонӣ ва дар соли 2017 бошад 342,0 млн.сомониро ташкил мекунад.

Дар соли 2015 пӯшонидани касри Буҷети давлатӣ аз ҳисоби фурӯши моликияти давлатӣ, фурӯши векселҳои хазинадорӣ, созишномаҳои зерқарзӣ, ва аз ҳисоби ҷалби даромадҳои иловагии депозитҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва қарзу грантҳои ташкилотҳои байналмиллалии молиявӣ, баргардонидани қарзҳоиҶСК "Агроинвестбонк", Фонди стабилизатсионии рушд ва Фонди зиддибӯҳронии Иттиҳоди иқтисодии Авру-Осиё дар назар дошта шудааст.